21530 - Оё мусалмон метавонад бо кофир дӯсти самимӣ бошад?

савол

Ман оиди Ислом шубҳаҳое дорам. Оё шумо метавонед онҳоро ба ман тавзеҳ намоед? Оё барои мусалмон ҷоиз аст, ки бо ғайри мусалмон дӯсти самимӣ бошад?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Барои мусалмон ҷоиз нест, ки бо мушрик дӯст шавад ва ё ӯро дӯст бигирад, зеро Ислом ба тарк кардани кофирон ва безорӣ ҷустан аз онон даъват мекунад, чунки онҳо ғайри Аллоҳ таъолоро мепарастанд.
Аллоҳ таъоло мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَوَلَّوۡاْ قَوۡمًا غَضِبَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِمۡ قَدۡ يَئِسُواْ مِنَ ٱلۡأٓخِرَةِ كَمَا يَئِسَ ٱلۡكُفَّارُ مِنۡ أَصۡحَٰبِ ٱلۡقُبُورِ

سورة الممتحنة: ١٣

«Эй касоне, ки имон овардаед, бо қавме, ки Аллоҳ бар онҳо хашм гирифтааст, дӯстӣ макунед. Онҳо аз охират ноумеданд, ҳамчунон ки кофирон аз гӯрхуфтагон ноумеданд». (Сураи Мумтаҳана: 13).
Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) низ ба ин чиз роҳнамой намудааст:

1. Аз Абусаиди Худрӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки ӯ аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шунидааст, ки мефармуд: **«Ҷуз бо мӯъмин дӯстиву ҳамнишинӣ макун. Ғизоятро ҷуз парҳезгор нахӯрад»**. Ривояти Тирмизӣ (2395) ва Абудовуд (4832). Абуисои Тирмизӣ гуфтааст: Ин ҳадиси ҳасан аст. Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" (2519) ҳасан донистааст.

Абуисои Хаттобӣ гуфтааст: Балки аз муошират бо касе, ки парҳезгор нест, ҳушдор дода, аз омехта шудан бо ӯ ва хӯрок хӯрдан бо ӯ манъ намудааст, зеро хӯрокхӯрӣ бо шахс дар қалб

дӯстиву муҳаббатро эҷод мекунад.

Мегӯяд: Бо касе, ки аҳли тақвову зуҳд нест, дӯстӣ макун. Ӯро ҳамнишини худ қарор мадеҳ, ки бо ҳамроҳи ӯ бихӯриву бинӯшӣ. "Маъолиму-с-сунан" / Ҳошияи "Мухтасару сунани Абидовуд" (7/185, 186).

2. Аз Самура ривоят аст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Бо мушрикон зиндагӣ макунед ва бо онҳо ҷамъ нашавед. Ҳар кас бо онҳо зиндагӣ бикунад ва ё бо онҳо ҷамъ бишавад, аз мо нест».** Ривояти Байҳақӣ (9/142) ва Ҳоким (2/154). Ҳоким гуфтааст: Саҳеҳ бар шарти Бухорӣ аст. Ин ҳадисро Албонӣ дар "Ассилсилату-с-саҳиҳа" (2/229) бо шоҳидҳояш саҳеҳ донистааст.

Аммо ба хотири мусалмон шуданашон бо онҳо муомилаи некӯ кардан ҷоиз аст.

Аз Анас (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки мегӯяд: Як писараки яҳудие ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) хизмат мекард. Ӯ бемор шуд. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба аёдати ӯ омад. Дар назди сараш нишаста гуфт: **«Мусулмон шав».** Писарак ба падараш, ки бо ҳамроҳи ӯ буд, нигарист. Падараш ба ӯ гуфт: Абулқосим (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро итоат намо. Пас ӯ мусалмон шуд. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) берун баромада гуфт: **«Ситоиш Аллоҳро, ки ӯро аз дӯзах наҷот дод»**. Ривояти Бухорӣ: 1290.

Аллоҳ донотар аст.